**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ,
д.и.ф., профессор Маҳмадизода Н.Д.
_______________
«_17_» _феврали_ соли 2025

# ХУЛОСАИ

**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом дар мавзуи «Субъекти махсуси ҷиноят» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ)**

Диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом дар мавзуи «Субъекти махсуси ҷиноят» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) дар шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Сайдализода Орзу Илҳом докторанти фалсафа (PhD)-и шуъбаи ҳуқуқи давлатӣ ба шумор мерафт.

Докторанти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом соли 2015 ба ихтисоси ҳуқуқшиноси умумии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2019 бо дипломи аъло хатм намудааст. Бо мақсади идомаи таҳсил соли 2019 ба зинаи магистратураи Донишгоҳи зикршуда аз рӯйи ихтисои фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дохил шуда, соли 2021 зинаи мазкурро бо ихтисои фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 04.10.2021, №274 ба ҳайси докторанти фалсафа (PhD), аз рӯйи

ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов дохил шуда, соли 2024 докторантураро аз рӯйи ихтисоси мазкур (амри Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 01.07.2024, №30001/123-284) хатм намуда, ба номбурда транскрипт оид ба таҳсил ва супоридани имтиҳонҳо санаи 27.08.2024 дода шудааст.

Мавзуи таҳқиқи диссертатсионии докторанти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом дар ҷаласаи Шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон санаи 25.01.2022, №3408/24-8 тасдиқ гардида, роҳбари илмиаш Шарипов Т.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор – сарходими илмии шуъбаи ҳуқуқи давлатӣ таъин гардида буд.

Имтиҳони маҷмӯиро санаи 30.04.2024 бо баҳои аъло супоридааст.

Диссертатсияи Сайдализода Орзу Илҳом дар ҷаласаи ғайринавбатии шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 14.02.2025, №01 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Бояд зикр кард, ки устодони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дотсентон Миралиев Э.Б., Камолов З.А., Мирзоахмедов Ф., Холиқзода Ш.Л., дар муҳокимаи диссертатсия иштирок ва суханронӣ намуда, ба рисолаи илмӣ баҳои мусбат дода, онро ба ҳимоя тавсия карданд.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Субъекти махсуси ҷиноят» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.**

Диссертатсияи Сайдализода Орзу Илҳом дар мавзуи “Субъекти махсуси ҷиноят” ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) омода шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад ва он ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.**

Тадқиқоти илмии хешро ӯ дар давоми солҳои 2021-2024 дар доираи лоиҳаҳои илмии зершуъбаи ҳуқуқи давлатӣ – бахши ҳуқуқи ҷиноятии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзуи “Сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ барои солҳои 2017-2021”, инчунин дар доираи лоиҳаи нав дар мавзуи “Ҳуқуқи ҷиноятии муосири Тоҷикистон (қисми умумӣ) барои солҳои 2022-2026”, таҳия гардидааст.

Ҳамзамон, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, техника ва иноватсия барои то соли 2030 аз 30.06.2021, №263, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, аз 06.02.2018, №1005 ва Барномаи давлатии муқовимат бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030, № 265 аз 30 июни соли 2021 алоқаманд мебошад.

Диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом дар сатҳи хуби илмӣ-назариявӣ навишта шудааст. Бартарии кори мазкур дар масъалагузории далелнок ва услуби баёни возеҳ мебошад. Дар рисола масъалаҳои мубрам ва ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии субъекти махсуси ҷиноят мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтааст.

Дар шароити муосири рушди давлати Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои пешгирии ҷинояткорӣ, масъалаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳаввулоти нави назариявӣ ва татбиқи амалии онҳоро талаб мекунанд. Бояд қайд намуд, ки сарфи назар аз

шумораи зиёди тадқиқотҳо оид ба масъалаи субъекти махсуси ҷиноят, он ба қадри кофӣ таҳқиқ нашудааст.

Субъекти махсуси ҷиноят ҳамчун институти ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми хеле мураккаб ва бисёрҷанба буда, омӯзиши минбаъдаи илмӣ ва тавзеҳи иловагиро тақозо мекунад. Дар ин рисола ба баррасӣ ва омӯзиши аломатҳои шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, ҳамчун субъекти махсуси ҷиноят таваҷҷӯҳи махсус дода мешавад.

Сарфи назар аз шумораи зиёди маҳфумҳои дар Кодекси ҷиноятии ҶТ мавҷудбуда, ки ҷавобгариро барои содир кардани ҷиноят аз ҷониби субъекти махсус пешбинӣ мекунанд, ҳам дар назарияи қонуни ҷиноятӣ ва ҳам дар амалия баҳсҳо ба миён меоянд. Ин масъала аз он сабаб мураккаб шудааст, ки дар айни замон таърифи ҳуқуқии ин мафҳум вуҷуд надорад.

Бо дарназардошти муҳимияти масъалаи болозикр, инчунин рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҷой надоштани худи мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят, камбудиҳо дар самти банду басти дурусти ҷиноятҳое, ки аз ҷониби субъектони махсус содир мешаванд, дида мешаванд, ки дар рисолаи илмии мазкур мавриди омӯзиш ва тадқиқот қарор дода шудааст.

Натиҷаи тадқиқоти анҷомдода ҷиҳати таҳияи тағйирот даровардан ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии самаранок, бартараф намудани камбудиҳо дар фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва судӣ, инчунин дар амалия ба таври дурусту муназзам татбиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода гардида, дар маҷмӯъ ба назария ва амалия таъсири мусбӣ хоҳад расонид.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.**

Докторант вобаста ба мавзуи таҳқиқот 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 мақола дар дигар маҷаллаҳо ва нашрияҳои ватанию хориҷӣ ба нашр расидааст.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.**

Таҳқиқоти гузаронидашуда дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ саҳми арзанда гузошта, имкон медиҳад, ки тавсияҳо барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҳия карда шаванд. Барои он ки зиёда аз 40 фоизи меъёрҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятии ҶТ ба масъалаи субъекти махсус бахшида шудааст.

Инчунин аҳамияти назариявӣ ва амалии рисолаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо оид ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои субъекти махсус ҷамъбаст ва густариш медиҳанд. Гузашта аз ин, муқаррароти назариявии таҳияшуда, аз ҷумла доир ба худи мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи масоили вобаста ба субъекти махсуси ҷиноят аз ҷониби дигар муҳаққиқон истифода шуда метавонад.

Хулоса, аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳм гузошта, дар баробари ин бахри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ёрӣ расонад.

Аҳамияти амалии рисола дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти дар рисола таҳиянамудаи муаллиф метавонанд оид ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҷиноятҳое, ки аз ҷониби субъектони махсус содир карда мешаванд, дар амалияи мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва таснифоти ҷинояти мазкур мавриди истифода қарор дода шаванд.

Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқшиносӣ-ҳуқуқи ҷиноятӣ, бандубасти ҷиноятҳое, ки аз ҷониби субъектони махсус содир карда мешаванд, истифода шавад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ.**

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дарачаи илмӣ дар таҳқиқот бо он муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, метавонанд дар ҷодаи рушду такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба субъекти махсус саҳми назаррас дошта бошад.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки рисолаи илмии докторант нахустин таҳқиқоти маҷмуие мебошад, ки ба масъалаи субъекти махсуси ҷиноят ва дар ин замина таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии ватанӣ бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ оид ба мавзуи баррасишаванда ва такмили минбаъдаи он бахшида шудааст.

Дар рисола таҳлили амиқи мафҳуму моҳияти субъекти махсуси ҷиноят бо пешниҳодҳои асоснок ҷой дода шудааст. Навгонии дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ, пеш аз ҳама дар пешниҳодҳои илман асосёфта аз ҷониби муаллиф доир ба таҳлили аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят, инчунин аз ҷониби гурӯҳи шахсон, яъне шарикӣ ифода меёбад.

Диссертатсияи Сайдализода Орзу Илҳом дар мавзуи "Субъекти махсуси ҷиноят" ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) мутобиқат менамояд.

Диссертатсионии Сайдализода Орзу Илҳом аз муқаддима се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзӯъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 7 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерин инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр шудаанд:**

1. Сайдалиев О.И., Шарипов Т.Ш. Мафҳум ва хусусиятҳои субъекти махсуси ҷиноят [Матн] / О.И. Сайдалиев, Т.Ш. Шарипов / Қонунгузорӣ. – 2022. - №3 (47). – С. 78-86.

2. Сайдалиев О.И., Шарипов Т.Ш. Таснифи аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят [Матн] / О.И. Сайдалиев, Т.Ш. Шарипов / Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. - №4 (44). – С. 144-149.

3. Сайдалиев О.И., Шарипов Т.Ш. Таълимот оид ба субъекти махсуси ҷиноят [Матн] / О.И. Сайдалиев, Т.Ш. Шарипов / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - №1. – С. 201-206.

4. Сайдалиев О.И. Инкишофи субъекти махсуси ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятии Шӯравӣ [Матн] / О.И. Сайдалиев / Қонунгузорӣ. – 2023. - №1 (49). – С. 134-140.

5. Сайдалиев О.И. Баъзе ҷанбаҳои мафҳум ва аломатҳои субъекти ҷиноят [Матн] / О.И. Сайдалиев / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - №6. – С. 244-251.

6. Сайдалиев О.И. Таърихи инкишофи субъекти махсуси ҷиноят дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ [Матн] / О.И. Сайдалиев / Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. - №2 (30). – С. 179-190.

7. Сайдалиев О.И. Ҷавобгарии ҷиноятии субъекти махсус мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / О.И. Сайдалиев / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. - №1. – С. 241-248.

8. Сайдалиев О.И. Танзими ҳуқуқии ҷавобгарӣ барои шарикӣ дар ҷиноятҳои дорои субъекти махсус [Матн] / О.И. Сайдалиев / Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. - №1 (33). – С. 261-274.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмӯаҳои дигар:**

9. Сайдалиев О.И., Давлатзода Г.Ш. Мафҳум ва аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят [Матн] / О.И. Сайдалиев, Г.Ш. Давлатзода / Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. - №4. – С. 75-80.

10. Сайдалиев О.И. Теоретико-правовой анализ понятия специального субъекта преступления [Текст] / О.И. Сайдалиев / Сборник статей международной научно-практической конференции «Молодеж. Наука. Будущее, 24.10.2022». – Петрозаводске, 2022. – С. 17-24.

11. Сайдалиев О.И., Шарипов Т.Ш. Соотношение специального субъекта преступления с другим элементами состава преступление [Текст] / О.И. Сайдалиев / Сборник статей II международной научно-практической конференции «Человек, общество, технологии: актуалные вопросы взаимодействия, 24.11.2022». – Петрозаводске, 2022. – С. 8-15.

12. Сайдалиев О.И. Ҷавобгарии ҷиноятии субъекти махсуси ҷиноят мутобиқи қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ [Матн] / О.И. Сайдалиев / Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, 2023. - №1. – С. 94-100.

13. Сайдалиев О.И. Робитаи субъекти ҷиноят бо дигар аломатҳои таркиби ҷиноят [Матн] / О.И. Сайдалиев / Маводи конференсияи байнал-милалӣ илмӣ-назариявӣ «Рушди дизайн, санъат, технология ва илмҳои гуманитарӣ дар даврони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (29 ноябри соли 2023)». – Душанбе, 2023. – С.70-84.

14. Сайдалиев О.И. Субъекти махсус дар таркиби ҷиноятҳои мансабӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ [Матн] / О.И. Сайдалиев // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯёни ДОТ дар ноҳияи Рашт бахшида ба соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024, «27-солагии Ваҳдати миллӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» (н. Рашт, 15-20 апрели соли 2024 – ҳафтаи илм). – Рашт, 2024. – С. 113-116.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи доктаранти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом дар мавзуи «Субъекти махсуси ҷиноят» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи доктаранти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом дар мавзуи «Субъекти махсуси ҷиноят» аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои

ҷазои ҷиноятӣ) барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон санаи 14.02.2025, №01 қабул гардидааст:

Иштирок доштанд: ҳамагӣ:-10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10 нафар, «зид» -нест, «бетараф»-нест.

**Раисикунанда,**
Ходими калони илмии шуъбаи ҳуқуқи давлатии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва
ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
д.и.ҳ., профессор, **Мирализода И.Қ.**

**Котиби ҷаласа** **Саидзода М.Ё.**

Имзои Мирализода И.Қ. ва
Саидзода М.Ё.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони ШК ИФСҲ АМИТ **Абдураҳмонзода Б.**

14.02.2025.